Тавзеҳнома

ба лоиҳаи Дастурамали №___ дар бораи тартиби пешниҳоди маълумот аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ ба Портали муқоисаи хизматрасониҳои молиявӣ

Лоиҳаи Дастурамали №___ дар бораи тартиби пешниҳоди маълумот аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ ба Портали муқоисаи хизматрасониҳои молиявӣ (минбаъд – Дастурамал) дар асоси қисми моддаҳои 6 ва 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", моддаи 55 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", моддаи 61 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ", моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", моддаҳои 4, 7 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ", моддаҳои 33 ва 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", моддаҳои 3 ва 39 (1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ва сатри 55 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ (минбаъд – ташкилотҳои молиявӣ) пешниҳоди намудани маълумотро тавассути Портали муқоисаи хизматрасониҳои молиявӣ (минбаъд – Портал) муайян менамояд.

Лоиҳаи Дастурамали мазкур бо мақсади таъмини шаффофияти фаъолияти низоми бонкӣ ва суғурта, дастрасии истеъмолкунандагон ба маълумоти саҳеҳ ва боэътимод дар бораи нархҳои хизматрасониҳои молиявӣ ва фароҳам овардани имконияти муқоисаи онҳо, рушди рақобати солим дар низоми бонкӣ ва суғурта, тавсеаи хизматрасониҳои молиявӣ дар мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ таъсис дода шудааст.

Портал бо мақсади иттилоотонии аҳолӣ пеш бурда мешавад.

Дар лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намудани тартиби ягонаи пешниҳоди маълумот аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ оид ба

хизматрасониҳои молиявӣ ба Портали муқоисаи хизматрасониҳои молиявӣ пешбинӣ мегардад.

Лоиҳа намуд ва таркиби маълумоти пешниҳодшаванда, талабот ба пуррагӣ, саҳеҳӣ ва мубрамияти он, тартиб ва муҳлати пешниҳод ва навсозии маълумот, инчунин усулҳои интиқоли маълумот, аз ҷумла тавассути ҳамгироии API ва дигар механизмҳои техникии пешбинигардидаро муайян менамояд. Татбиқи чораҳои мазкур имкон медиҳад, ки истифодабарандагони Портал ба маълумоти саҳеҳу боэътимод оид ба хизматрасониҳои молиявӣ дастрасӣ дошта бошанд.

Тибқи "Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, нисбати лоиҳаи мазкур арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсонӣ гузаронида шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи хусусияти коррупсионидошта мушоҳида нагардидааст.

Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад. Амалӣ намудани талаботи Дастурамал асосан дар доираи инфрасохтори мавҷудаи иттилоотӣ ва захираҳои молиявию техникии пешбинишудаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои молиявӣ анҷом дода мешавад.

Дар сурати қабули Дастурамали мазкур барои таъмини шаффофият ва дастрасии аҳолӣ ба маълумоти саҳеҳу пурра ва мубрам оид ба хизматрасониҳои молиявӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Инчунин, муқоисаи осон ва шаффофи шартҳои хизматрасониҳои молиявии аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ пешниҳодшаванда ба баланд гардидани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, қабули қарорҳои огоҳонаи молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва суғуртаи мамлакат мусоидат менамояд.

Муовини раис Муродализода Д. У.